**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00. – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Рисолаи доктории Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович, ки ба мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» тахсис ёфта, аз ҷусторҳои ҷиддӣ дар таҳқиқи вежагиҳои як давраи муайяни таърихиву назарии нақди адабии тоҷикӣ ба шумор меояд, ки ба гунаи муназзам ва мукаммали рисолаи илмӣ арзи ҳастӣ кардааст.

Аз автореферати диссертатсия маълум гардид, ки он аз муқаддима, 4 боб, 16 фасл, 5 зерфасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муаллиф дар муқаддима дар бораи мубрамияти мавзуъ ва дараҷаи таҳқиқ, ҳадафи асосӣ ва вазифаҳо, равиши таҳқиқ ва заминаи назарии он, навовариҳои илмӣ, арзиши илмӣ ва амалӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва ғайра сухан намудааст, ки мутобиқ ба талабот аст. Диссертант андар баёни дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ба пажуҳиши масъалаҳои таърих ва назарияҳои нақди адабии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, ки дар заминаи омӯзиши густардаи асарҳои адабӣ, илмӣ, таърихӣ ва маводи матбуотии маорифпарвариву ҷадидӣ сурат гирифтааст, пардохта, ба қадри зарурӣ аз осор ва хидмати адабпажуҳони ватаниву хориҷӣ ёд намудааст.

Муаллифи рисола дуруст таъкид мекунад, ки маърифат, шинохт ва фаҳмиши илмии равандҳо ва хусусиятҳои нақди адабии тоҷикӣ дар ин давраи таърихӣ омӯзанда ва дарки он барои муайян кардани моҳияти эстетикӣ ва иҷтимоии адабиёт аҳаммияти вижа дорад.

Аъзамов Субҳонҷон аз усули таҳқиқи муқоисавию таърихӣ, татбиқию қиёсӣ, матншиносӣ ва оморӣ истифода карда, ба равиши таҳқиқи адабиётшиносони маъруфи ватаниву хориҷӣ, ба монанди В. Жирмунский, Ю. Б. Борев, Б. А. Бурсов, А. Зарринкӯб, С. Шамисо, С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, С. Табаров, М. Шукуров (Шакурӣ), Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, С. Сиддиқов, С. Амирқулов, Ҷ. Бобокалонова, В. Самад, Х. Асозода, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ (Набиев), М. Абдуллоев, А. Маҳмадаминов, А. Кучарзода, Ҷ. Ҳамроев, М. Мирзоюнус, А. Худойдодов, П. Гулмуродзода ва даҳҳо нафари дигар такя шуда, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дастовардҳо ва навоварии рисола дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои таҳқиқи заминаҳои аслии рушду ташаккули нақди адабӣ ва назари интиқодии адибони давр дар раванди умумии таърихи ташаккули афкори сухансанҷии тоҷикӣ пардохта, моҳияту равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX-ро бо иттико ба сарчашмаҳои муътамад равшан намудааст.

Аз автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки боби якуми рисола «Заминаҳои шинохти афкори сухансанҷии навини тоҷик» ном дошта, дар он масъалаҳои таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX ва сарчашмаҳои нақди адабӣ, ки аз ҷониби муаллиф бо истилоҳи «даври равшангарӣ» зикр мегардад, ба таҳқиқ кашида шудааст.

Боби дувуми диссертатсия «Вазъи сухансанҷӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» номида шуда, дар он масъалаҳои таҳқиқ ва нашри манбаъҳои адабиву илмӣ, нақши равшангарон дар арзёбии осори адабӣ, нақди адаби ҷадидон, маҳфилҳои сухан ва анъанаи нақди адабӣ, арзиши сухан ва дидгоҳи тазкиранигорон ва дар маҷмуъ, мушкилу

муаммоҳои адабиётшиносӣ дар охири солҳои 30-ум ва 40-уми садаи XX хеле муфассал мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд, ки ҷолиб мебошанд.

Боби севуми диссертатсия «**Ҷойгоҳи классикони адабиёт дар баррасиҳои илмии нимаи аввали садаи XX**» номгузорӣ шуда, масоили накду пажуҳиш оид ба эҷодиёти устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва Камоли Хуҷандӣ баррасӣ шуда, ҷойгоҳи ин бузургонро дар адабиёти давлати тозатаъсиси Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Боби чорум ва охирини диссертатсия «**Ноқидони адабиёт ва давраи нави накди адабӣ**» ном дошта, дар он масъалаҳои таърихи адабиёт, накди адабӣ ва ҷойгоҳи он дар ҷусторҳои С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, М. Турсунзода, Т. Зеҳнӣ ва Р. Ҳошим мавриди пажуҳиш қарор гирифта, бо натиҷагириҳои илман асоснок ҷамъбаст гардидааст.

Дар қисмати хулоса диссертант натиҷаҳои таҳқиқоти хешро дар 14 банд баён намудааст, ки ҳамагӣ қобили пазириш мебошанд.

Забони автореферат ҳам дар асл ва ҳам дар гунаи русӣ содаю равон, равиши таҳқиқ ва хулосаҳои илмии муаллиф шоистаи қабуланд.

Дар баробаи дастовардҳои зиёди илмӣ дар кори муаллиф, ба назари мо, бархе камбудҳо дида мешаванд, ки рафъи онҳо боиси афзун гардидани сифати рисола хоҳад гардид:

1. Дар бархе ҷумлаҳо халали мантиқиву услубӣ ҷой доранд, ки шояд бар асари саросемагӣ рух додаанд. Мисол: «Дар ин амр ба мақоми адиб, олим ва мутафаккири номии садаи XI ба таври (?) Носири Хусрави Қубодиёнӣ силсилаи чораҷӯии илмӣ таҳия гардида, дар ин асос теъдоде аз осори илмӣ-таҳқиқӣ ба вуҷуд омаданд» (автореферат, саҳ. 30).
2. Дар таркиби «танқидоти сахти муҳиққона карданд» (автореферат, саҳ. 23) калимаи «танқид» бо ҷамъбандии «от» омадааст, ки хилофи урф аст. Ҳамчунин калимаи «муҳиққона» бояд ба тарзи «муҳаққиқона» навишта шавад.

3. Ибораҳои «назари томраво», «марҳалаи ҷадидӣ» (автореферат, саҳ. 3) мақсуди соҳиби рисоларо ифода накардаанд.

Ин камбудҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо коста намегардонанд ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Бо итминон метавон гуфт, ки диссертатсияи доктории Аъзамов Субҳонҷон Баҳромович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» дар сатҳи матлуби илмӣ таълиф гардида, ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз,**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**мудири шуъбаи таърихи адабиёти**
**Институти забон ва адабиёти ба**
**номи Рӯдакии АМИТ** **Юсуфов У. А.**
Суроға, 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Н. Ҳувайдуллоев 274, ҳ. 47
Тел.: +992919045575
E-mail: nushin74@mail.ru
«24» майи соли 2024

**Имзои Юсуфов У. –ро тасдиқ менамоям:**

**нозири кадрҳои Институти забон ва**
**адабиёти ба номи**
**Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 ( 37) 227-29-07, 221- 70-30,
E-mail: izar rudaki17@mail.ru,

«24» майи соли 2024